**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Мехрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои бунёдӣ ва ҷудонопазири инсон дар асоси принсипҳои инсонгароёнаи сохтори иҷтимоӣ қарор дошта, мақоми олӣ дар низоми арзишҳои ҳуқуқиро ишғол менамояд. Ин ҳуқуқ на танҳо ҳамчун меъёри конститутсионӣ, балки ҳамчун пояи асосии таъмини дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баромад мекунад. Бо дарназардошти аҳамияти мазкур, давлат ҳамчун субъекти асосии ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ уҳдадор аст, ки ҳаёт ва саломатии шаҳрвандони худро ҳимоя намояд. Ин уҳдадорӣ дар амал татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалиро тақозо мекунад, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоиста ва рушди ҳамаҷонибаи шахс равона гардидаанд. Ҳамзамон, таъмини ҳуқуқ ба ҳаёт маънои ташаккули муҳити бехатарро дорад, ки дар он хавфҳои ҷинояткорӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои зидди ҳаёт ва саломатӣ, ба ҳадди ақал расонида мешаванд. Аз ин рӯ, дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ин ҳуқуқ ҳамчун объекти асосии ҳифз баррасӣ гардида, такмили механизмҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва муқовимат ба чунин ҷиноятҳо аҳамияти калидӣ пайдо мекунад.

Ислоҳоти ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома доранд, зарурати тақвияти таҳқиқоти назариявиро дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ тақозо менамоянд. Ин раванд ба таҳкими пояҳои ҳуқуқбунёди давлатдорӣ ва мутобиқгардонии қонунгузорӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ равона гардидааст. Қонунгузории ҷиноятии миллӣ, бо дарназардошти эътирофи ҳаёти инсон ҳамчун арзиши олӣ, муқаррароти моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар амал татбиқ менамояд, ки тибқи он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф карда мешаванд. Дар ин замина, ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат баромад мекунад.

Вобаста ба ин, қонунгузор дар моддаи 109-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои ба худкушӣ расонидани шахси дигар мустақиман пешбинӣ намудааст. Ин меъёр ба

таъмини ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳаёт ва пешгирии амалҳое равона шудааст, ки ба маҳрум гардидани инсон аз ҳаёт, ҳатто ба таври ғайримустақим, оварда мерасонанд.

Тибқи муқаррароти автореферати диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», мафҳуми «ба худкушӣ расонидан» дорои норасоиҳои муайяни назариявӣ мебошад. Аз ҷумла, муҳаққиқ зикр намудааст, ки номуайянии доираи усулҳои содир намудани ин ҷиноят, инчунин набудани дастурҳои возеҳи методӣ ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои бандубасти дурусти чунин кирдорҳо, дар амалияи татбиқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятӣ (ба худкушӣ расонидан) мушкилоти ҷиддӣ эҷод менамоянд.

Дар маҷмӯъ, ҳолатҳои зикршуда зарурати такмили минбаъдаи танзими ҳуқуқӣ, инчунин таҳияи асосҳои илмӣ ва методии бандубасти дурусти ҷиноятҳои вобаста ба ҷинояти ба худкушӣ расониданро дар низоми қонунгузории миллӣ тақозо менамоянд. Дар ин замина, таҳқиқи масъалаҳои мазкур аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ касб намуда, ба рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат мекунад, ки доир ба ин масъалаҳо аз ҷониби Саидзода Меҳрубон Акбархон таҳқиқоти илмӣ гузаронида шуда, дар онҳо кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки паҳлуҳои баҳсбарангези танзими ҳуқуқии ҷинояти ба худкушӣ расонидан мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шаванд.

Сарфи назар аз эътирофи арзиши баланди назариявии таҳқиқоти мазкур, омӯзиши муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки дар он баъзе масъалаҳои дорои хусусияти мубоҳисавӣ ва қобили тавաҷҷуҳ мавҷуданд, ки ниёз ба тавзеҳоти иловагӣ ва асосноккунии амиқтарро доро мебошанд. Аз ҷумла, дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, зикр гардидааст, ки «Зери мафҳуми «ба худкушӣ расонидан» бояд кирдорҳои ғайриқонунии шахс фаҳмида шаванд, ки дар шакли таҳдидҳои мунтазам, истифодаи фишори равонӣ ё зӯроварӣ, пастзании такрории шаъну эътибори инсон, инчунин фароҳам овардани шароити аз ҷиҳати равонӣ вазнин ифода меёбанд» ба назари мо, пас аз калимаи «ғайриқонунӣ» хуб мебуд агар калимаи «қасдонаи» илова мегардид. Дар чунин маврид, минбаъд, ҳангоми бандубасти ҷиноят, барои муқаррар намудани тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан, мушкилии иловагиро ба бор намеоварад.

Бояд эътироф намуд, ки эроди зикршуда дар маҷмӯъ хусусияти тавсиявӣ ва машваратӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши баланди илмӣ, муҳтавои консептуалӣ ва эътибори назариявии таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш

намедиҳад. Баръакс, мулоҳизаҳои мазкур ҷиҳати муайян намудани уфуқҳои нави таҳқиқотӣ дар самти такмили минбаъдаи мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан хизмат хоҳанд кард.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссёртатсионии Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки боз қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Прокурори шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои
кибернетикии Прокуратураи генералии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
мушовири адлияи дараҷаи 3 Саидзода А.М.

**Суроғаи муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ 21/2, хонаи 26; E.mail: s.abdulmajid.m@mail.ru
Тел.: +992 907-03-99-99

Имзои А.М. Саидзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи мубориза бо
ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи
генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
генерал-лейтенанти адлия Ваҳобов В.М.
«01» 04 2026 с.

**Суроға:** ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино, 126; Тел.: +992 (37) 236-71- 40; E.mail: www.prokuratura.tj